# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи “Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-Таърихи фалсафа) Самиев Б.Ҷ., профессор (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 - Таърихи фалсафа) - Худойдодзода Ф.Б. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-Таърихи фалсафа) Маҳмадова М. (аъзо) диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековнаро дар мавзуи “Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Масъалаи табиат ва моҳияти инсон, нақш ва мақоми ӯ дар таърихи фалсафа ҷойгоҳи хосса дошта, яке аз масъалаҳои меҳварии таълимоти донишмандону файласуфон дар тӯли таърих ба ҳисоб рафта, то имрӯз арзишу моҳияти худро аз даст надодааст. Махсусан, масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ, ки мавзуи диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна ба ҳисоб меравад аз он ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки мутафаккир моҳияту табиати инсонро аз мавқеи фалсафӣ ва ратсионализими динӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, огоҳии инсонро дар доираи ҷавҳари аслии худаш арзёбӣ намудааст. Муҳиммияти мазвуи мазкур дар он аст, ки агар он аз як ҷониб бедории неруи ботинию маънавии инсонро дар муқобили афкори исломии ифротию тундгаро нишон диҳад, аз ҷониби дигар дар раванди ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва камолоти маънавию ахлоқии инсон, ташаккули худшиносии шахс, эҳсоси ватандорӣ ва рушди арзишҳои фарҳангии ҷомеаи муосир нақши муассир дорад.

2. Навгонии кор аз он иборат аст, ки диссертант бори нахуст ақидаҳои инсоншиносии Фахриддини Розиро ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии мутафаккир ба таври маҷмӯӣ баррасӣ намудааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи Элчибекова Б.И. бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ, ки тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 тасдиқ ва ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Инчунин, кори таҳқиқотӣ ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Сохтори диссертатсия аз ҷиҳати риояи низомнокӣ ва мантиқан ҷо ба ҷо гузории бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

5. Диссертант объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқотро дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ кардааст. Пайдарҳамии мантиқӣ дар раванди муҳокимаю хулосабарориҳо аз ҷониби муаллиф хуб мушоҳида мешавад. Бо назардошти ҳамин хусусиятгириҳо диссертатсияро кори илмии мустақилона анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуҳ мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз ин шумора чортояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Панҷ мақолаи дигари муаллиф дар маҷмуаи маводи конференсияҳои

гуногунсатҳ рӯйи нашрро дидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

7. Дар диссертатсияи Элчибекова Б.И. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани талаботи банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

8. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Элчибекова Б.И. маълумоти норавшану ғайрисаҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи "Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ;

- Зикирзода Ҳобил - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Самиев Б.Ҷ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Худойдодзода Ф.Б.

доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Маҳмадова М.

**Имзои Б.Ҷ. Самиевро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
Абдураҳмонзода Б.

**Имзои Ф.Худойдодзода ва М.Маҳмадоваро тасдиқ менамоям:**
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

22.06.2024с